«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент ____________ Сафарзода М.В.
«22» августи соли 2025

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)–доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илм.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба таҳқиқи лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» бахшида шудааст. Аз рӯйи масъалаи таҳқиқот диссертатсия ба ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи номзадии Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои равшанӣ андохтан ба омӯзиш ва таҳқиқи лингвистӣ дар муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст.

Дар диссертатсия мавзуе мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ба рушди забоншиносӣ, хосатан ба бахши забоншиносӣ, ғанигардонии таркиби луғавии забони тоҷикӣ таъсири мусбат расонида метавонад. Дар диссертатсия хусусиятҳои ҳавзаи луғавию маъноии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ шуда, умумият ва тафовути онҳо таъйин гаштааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Диссертатсияи мазкур ба таҳлили ҳамаҷонибаи калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, мавриди қиёсу муқобала қарор гирифтааст. Дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик

таҳқиқоте вуҷуд доранд, ки ба масъалаҳои ҷудогонаи ин мавзуъ бахшида шудаанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забони тоҷикӣ яке аз қабатҳои луғавӣ ва маъноии калимаҳои ба таври кофӣ омӯхтанашудаи забоншиносӣ мебошад.Омӯзиши қабатҳои луғавии калимаҳо дар забоншиносӣ аз давраҳои аввали пайдоиши ин илм таваҷҷуҳи олимонро ба худ ҷалб кардааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Масъалаҳои таҳқиқоти мавриди назар бо барномаҳо ва лоиҳаҳои кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва мавзуъҳои илмии он алоқамандии зич дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти мазкурро омӯзиши системавӣ, комплексӣ, муқоисавӣ, сохторӣ, луғавӣ– семантикӣ ва морфологии калимаҳое, ки **«тааҷҷуб/surprise»–** ро ҳамчун як намуди эҳсосот дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ ифода мекунад, ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Вазифаи асосии таҳқиқот аз он иборат аст, ки яке аз роҳҳои маъмултарини истифодаи калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар ду забон ва хусусиятҳои таркибӣ ва маъноии онҳо мавриди пажуҳиш, коркард ва таҳлил қарор дода шудааст.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти диссертатсияи мазкур роҳҳо ва воситаҳои амалигардонии калимаҳои ифодакунандаи **«тааҷҷуб/surprise»** ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои мавриди назар мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи кори мазкур муайян намудани калимаҳои ифодакунандаи **«тааҷҷуб/surprise»** ҳамчун намуди эҳсосот дар забони тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забони англисӣ, ҳамчун яке аз навъҳои гуногуни маъноӣ ва, инчунин, муайян кардани хусусиятҳои маъноию лексикӣ ва сохтории он дар забонҳои тоҷикию англисӣ ба шумор меравад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Асоси назариявию методологии таҳқиқро асарҳои махсуси олимони тоҷик, англис ва рус ташкил доданд, ки дар соҳаи забоншиносӣ корҳои назаррас анҷом додаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар натиҷаи таҳқиқоти вожаҳои ифодакунандаи **«тааҷҷуб/surprise»** дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ як қатор шабоҳат ва тафовутҳо ошкор шудаанд. Инчунин, дар низоми луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори аввал

мавзуи омӯзиши жарфтари низоми қиёсию типологӣ қарор мегирад, ки дар он хусусиятҳои луғавӣ– маъноӣ ва сохторӣ– грамматикии лексикаи забонҳои мавриди омӯзиш ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо баррасӣ мешавад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. маводди забонии ҷамъовардашуда ва кӧркардшуда, ки вожаҳои ифодакунандаи эҳсосотро бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ифода мекунад, арзиши муайяни забоншиносӣ дорад;
2. низомбандӣ ва омӯхтани вожаҳое, ки дар забони тоҷикӣ тааҷҷубро ифода мекунанд, дар муқоиса бо забони англисӣ барои рушди низоми вожаҳо ва пурра гардонидани захираи луғавии забони тоҷикӣ аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ дорад;
3. таҳлили системавии муқоисавӣ– типологӣ, луғавӣ– маъноӣ ва сохторӣ– грамматикии вожаҳои ифодакунандаи тааҷҷуби забонҳои тоҷикӣ ва англисиро ифода мекунад, метавонад барои омӯзиши самарабахши дигар бахшҳои луғавии забонҳои муқоисашаванда замина фароҳам оварад ва ба ҳаллу фасли дигар самтҳои мазкур мусоидат намояд;
4. ташкилӣ сохторӣ, маъноии вожаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои муқоисашаванда ба таври мунтазам дар раванди рушд қарор дорад, вобаста ба зерсохторҳои илм, ки дар ин ё он модел бо сарчашмаҳои гуногуни пайдоиш амал мекунанд, фарқ мекунад;

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки таҳқиқоти мазкур бо таҳия ва коркард метавонад роҳу усулҳои навро дар низоми махсуси луғавӣ– маъноӣ ва калимасозӣ инъикос намояд, чунки дар дохили он муносибатҳои зинавӣ бо назардошти истифодаи усулҳои забономӯзӣ аз мафҳуми вожа сар карда, то мавқеи он дар сохтори забон пурра таҳлил ва таҳқиқ шудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия дар он аст, ки калимаҳои ифодакунандаи **«тааҷҷуб/surprise»** дар забони тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забони англисӣ бо ёрии вожаҳо ва қолабҳои алоҳида, бо муқоисаи хусусиятҳои сохторӣ– маъноии онҳо пурра ва возеҳу равшан ифода ёфтааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба таҳқиқи муқоисавии калимаҳои ифодакунандаи **«тааҷҷуб/surprise»** дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки аз назари типологӣ ва аз назари хешовандӣ шомили як оила мебошанд, бахшида шудааст. Вобаста ба масъалаи таҳқиқот диссертатсия ба

ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ– таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки мавзуи мазкур бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегирад. Таҳлили вожагони ифодакунандаи **«тааҷҷуб/surprise»** дар забонҳои тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забони англисӣ низ ошкор шудаанд.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муҳтавои диссертатсия дар маърузаҳо, гузоришҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ва дигар конференсияҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (суратҷаласаи № 9 аз 18 – уми апрели соли 2025) муҳокима шуда, ба ҳимояи такрорӣ тавсия шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд.

Диссертант моҳияти масъалаи таҳқиқро дуруст дарку фаҳм намуда, ба андозаи тавон таҳлил намуда, бо назардошти методологияи таҳқиқи кори илмӣ матолиби баррасишавандаро дар шакли муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристн адабиёту манобеъ ба шакл даровардааст.

Ин кори таҳқиқӣ аз арзиши илмиву амалӣ холӣ набуда, он дар забоншиносии тоҷик аввалин пажуҳиши диссертатсионие мебошад, ки ба таҳқиқи масъалаҳои ташаккул ва рушди мавзуи мазкур аз нигоҳи забонӣ ба таҳқиқи лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise»аз ҷониби диссертант Аламурадова Робия Аланазаровна бахшида шудааст.

Диссертант мавзуи таҳқиқро бо низоми муайяни илмӣ ба тартиб (нақша) даровардааст, ки барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмуъ ҳосил шудани тарҳи комили пажуҳиш мусоидат намуда метавонад. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, дар алоқамандии мантиқӣ ба ҳамдигар қарор доранд.

Дар муқаддима тибқи муқаррарот, мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назариявӣ ва асосҳои методологии таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя

пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, моҳияти амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян ва татбиқи кор тавсиф шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии таҳқиқи муқоисавии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» унвон дошта, аз чор зербоб иборат аст. Масъалаҳои баррасишавандаи боби мазкур омӯзиши забоншиносии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» бо хусусиятҳои синонимҳо, антонимҳо ва омонимҳо ҳамчун ҷанбаи илмӣ дар ташаккули забоншиносии шинохтии ватаниву хориҷӣ баррасӣ шуда, зербоби якум оид ба баррасии рушди забоншиносии тоҷик мавриди баррасӣ қарор гардидааст.

Зербоби дуюми боби аввали диссертатсия бо номи «Масъалаи ҷойгоҳи калима дар забоншиносии кишварҳои хориҷӣ» ба масъалаҳои пайдоиш ва рушди ҷойгоҳи калима дар забонҳои муқоисашаванда таҳлилу таҳқиқ гардид.

Зербоби сеюм бошад ба масъалаҳои «Мафҳуми «тааҷҷуб/surprise», ҳамчун ҳиссиёт ва эҳсосот дар забоншиносӣ» сухан дар бораи мафҳуми ҳиссиёт, тааҷҷуб ва эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ дар ин зербоб қарор гирифтааст.

Зербоби чорум «Нақши оҳанги калима ҳамчун унсури муҳимми тааҷҷуб дар забон», ки баъзе хусусиятҳои истифодашавии оҳанг муайян карда шудааст, баррасӣ гардид.

Дар боби дуюми диссертатсияи диссертант «Таҳлили маъноиву сохтории калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ном дошта, аз чор зербоб иборат буда, он фарогири масъалаҳои сохториву маъноии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври таҳқиқоти илмӣ асоснок гардидааст.

Дар зербоби якум «Таҳлили лексикию маъноии калимаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳлили лексикию маъноии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ карда шудааст.

Зербоби дуюми боби мазкур «Таснифоти семантикии синонимҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» истифодашавии синонимҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ карда шудаанд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм оид ба «Мавқеи калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар эҷоди фразеологияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» истифодашавии фразеологизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ карда шудааст

Зербоби чоруми боби дуюми диссертатсия бо номи «Хусусиятҳои корбурди вожаҳои ифодагари тааҷҷуб/surprise ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» номгузори шуда, ин зербоб доир ба таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ вобаста ба гурӯҳи вожаҳои таърихӣ мансуб мебошанд, баррасӣ гардид.

Боби сеюм «Таҳлили сохтории калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» номгузорӣ шуда аз чор фасл иборат аст.

Дар ин боб мувофиқати сохтори калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун эҳсосот дар забонҳои муқоисашаванда мавриди назари таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст.

Дар зербоби якуми боби сеюм «Созмонёбии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо ёрии аффиксатсия» гуфта мешавад, ки калимасозии забони тоҷикӣ то андозае устувор буда, дар садсолаҳо тағйир намеёбанд ва дар асоси ҳамин қолабҳо дар забон калимаҳои нав ба вуҷуд меоянд, таҳқиқоти илмӣ гардидааст.

Дар зербоби дуюми боби сеюм доир ба «Истифода гардидани зарфҳо бо пасванди – ly дар забони англисӣ дар ифодаи калимаҳои эҳсосӣ» равона гурдида, дар ин зербоб морфемаҳои зарфсоз, аз қабили пасванд дар ҳарду забони муқосашаванда мушоҳида мегардад, бо морфемаҳои лингвистӣ равона шудааст.

Дар зербоби сеюми боби сеюм «Ифодаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот бо нидо дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» сухан рафта, он оид ба ифода гардидани тааҷҷуб ҳамчун намуди эҳсосот бо нидо дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ таҳқиқоти илмӣ гардидааст.

Дар зербоби чоруми боби сеюм доир ба «Ифодаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот бо ҳиссачаҳо дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» вобаста ба тарзи истифодашавии ифодаи тааҷҷуб ҳамчун намуди эҳсосот бо ҳиссачаҳо дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ асоснок ёфтааст.

Муаллиф ба таҳқиқи мавзуъ бо низоми муайяни илмӣ ва таҷрибавӣ муносибат намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, омилҳои пайдоишу ташаккули мавзуи мазкурро то андозае илман муайян кардааст.

Бо вуҷуди ин, дар диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ-техникӣ, калимасозӣ-грамматикӣ, услубӣ-наҳвӣ ва робитавӣ-мавзуӣ ба назар мерасад, ки зикри он ва ба назар гирифтани онҳо дар тақвияти маҳорат ва такмили равишҳои илмии кор бо мавод ва таҳлилу натиҷагириҳои диссертант айни муддао хоҳад буд.

Баъзе аз норасоиҳои имлоӣ-техникӣ ва аломатҳои китобати матни диссертатсия аз ин кори илмӣ мебошанд;

1. Ҳангоми таҳқиқот дар саҳифаҳои 13, 18, 21, 57, 108 ва 113 хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд;

2. Боби якуми рисоли илмӣ таҳти унвонии «Асосҳои назариявии таҳқиқи муқоисавии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» номгузорӣ гардида, дар он диссертант фикру мулоҳизаҳои назарии олимони соҳаи ватаниро муайян намуда, аз чи сабаб бошад дар хусуси таҳқиқоти олимони англис вобаста падидаҳои назариявии «тааҷҷуб/surprise» кам таҳқиқот намудааст;

3. Агар муҳаққиқ ҳангоми таҳияи боби якуми рисола як зербоби дигар вобаста ба тафовутноки назариявии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ анҷом медод, базаи илмии таҳқиқот боз ғанитар мегардид;

4. Агар диссертант далелҳои забонии ҷамъовардаашро аз маъхазҳо дар шакли замима ба сифати луғат пешниҳод менамуд, арзиши илмии диссертатсия дучанд мегардид.

Қайд кардан бамаврид аст, ки нуқсонҳои зикршуда ҷузъӣ ба шумор рафта, ҳусни умумиилмии корро паст намекунанд ва диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» кори таҳқиқии комил ва анҷомёфта маҳсуб меёбад.

Автореферати диссертатсия, мақолаҳои нашрнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ ва гузоришҳои илмии ӯ мухтавои асосии кори таҳқиқиро фаро гирифтаанд.

Диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ Муродзода Баҳриддин Раҳмон омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз "18" августи соли 2025, протоколи №1/2 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедра иштирок доштанд: 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 19 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест. Протоколи №1/2 аз 18-уми августи соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсент,
мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти
кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Муродзода Баҳриддин Раҳмон

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони
кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатзода Файзиддин Ҷамил

«Имзоҳои н.и.ф., Ш.Ш. Гуламадшоев, Б.Р. Муродзода ва Ҷ.Ф. Давлатзодаро тасдиқ мекунам».

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Давлатов Миралӣ Абдусамадович

«18» августи соли 2025

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, хиёбони С. Сафаров, 16
Тел: +992(83322) 2-35-06; +992(83322) 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj;
Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj.